## ҚАРОРИ
## ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-014
## назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**аз 3 апрели соли 2026, №81** **ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич дар мавзуи “Ҷанбаҳои назариявию амалии баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ (дар асоси маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва ·қарз), тақризи роҳбари илмӣ – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Бегматов Ашурбой Ахманович, тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: **Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, **Бобоев Нозимҷон Мансурович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва андози МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”, баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М., д.и.и., профессор Шариф Р., д.и.и., профессор Умаров Х., ва аъзои шурои диссертатсионӣ д.и.и., профессор Мирсаидов С.А., Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич дар мавзуи “Ҷанбаҳои назариявию амалии баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ (дар асоси маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос тибқи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;

3. Ба Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевичро бо дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) сарфароз гардонад.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**3 апрели соли 2026**